Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

28 августи соли 2002. Чоршанбе № 66 (12808)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

## Дар бораи додани унвони «Ўзбекистон Қаҳрамони»



АКРАМОВА Дилбар



БОБОҶОНОВ Ислом Олимович



ЗОКИРОВ Марат



ЛАТИФОВ Азим Шукурович

Барои хизматҳои калонашон дар назди давлат ва халқ дар кори таҳкими минбаъдаи истиқлолияти мамлакатамон, баланд бардоштани обрӯву эътибори он дар саросари ҷаҳон, бомуваффақият амалӣ гардондани ислоҳот, меҳнати бисёрсолаи қаҳрамонона дар роҳи рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, ҳиссагузории калон барои тарбияи авлоди навраси баркамол дар рӯҳи ватандӯстӣ, муҳаббат ба халқ ба инҳо унвони «Қаҳрамони Ўзбекистон» дода, нишони олӣ-медали «Олтин Юлдуз» супурда шавад:

**Акрамова Дилбар**—раиси садорати бахши вилоятии намангонии Бунёди «Меҳр-шафқат ва саломатлик»—и Ўзбекистон

**Бобоҷонов Ислом Олимович**—ҳокими вилояти Хоразм

**Зокиров Марат**—директори литсеи бачагони қобилиятноки назди Донишкадаи давлатии омӯзгории Ҷиззах

**Латифов Азим Шукурович**—раиси хоҷагии ширкатии «Бухоро»-и ноҳияи Шофрикони вилояти Бухоро

**Саидов Муродулло**—раиси хоҷагии ширкатии «Жейнов»-и ноҳияи Усмон Юсуфови вилояти Қашқадарё

**Шарофиддинов Озод Обидович**—сармуҳаррири маҷаллаи «Жаҳон адабиёти», адабиётшинос.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
23 августи соли 2002.



САИДОВ Муродулло



ШАРОФИДДИНОВ Озод Обидович

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 23 август дар қароргоҳи Оқсарой Сарфармондеҳи Фармондеҳии Марказии Қувваҳои Мусаллаҳи ИМА Томми Фрэнксро пазируфт.

Ба қарибӣ ба оғоз ёфтани рӯзҳои амалиётҳои байналхалқии зиддитеррористӣ як сол пур мешавад. Дар ин муддат муоҳидаи байналхалқӣ дар Афғонистон комёбиҳои калонро ба даст овард. Дар ин рӯзҳо дар мамлакати ҳамсоя дар бобати тағйир додану ба вуҷуд овардани ҳокимияти давлатӣ, барқарор кардани хоҷагии халқ, ба ҳаёти осоишта баргаштани мамлакат тағйиротҳои назаррас ба чашм бармехӯранд.

Албатта, дар ин тағйиротҳои нек омили асосӣ кӯмаке мегардад, ки муоҳидаи байналхалқии зиддитеррористӣ тавассути Ўзбекистон мерасонад.

Аз оғози амалиётҳои зиддитеррористӣ ин сафари чоруми генерал Томми Фрэнкс ба Ўзбекистон мебошад. Президент Ислом Каримов меҳмонро бо сафараш ба мамлакатамон хайра мақдам гуфта, бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки муносибатҳои ўзбекистониву амрикоӣ дар ҳамаи соҳаҳо бо суръати баланд рушд миеёбад, муколамаи боэътимод беҳтар мегардад.

Дар рафти сӯҳбат масъалаҳои алоқаманди вазъият дар Афғонистон, мубориза ба муқобили терроризм ва экстремизми динӣ, минбаъда таҳким бахшидани ҳамкории ҳарбӣ ва ҳарбиву техникӣ байни ду мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

xxx

Худи ҳамон рӯз Президент Ислом Каримов ҳамчунин гурӯҳи аъзоёни Конгрессро таҳти сарпарастии ҷонишини раиси Кумита оид ба буҷаи палатаи намояндагони Конгресси ИМА Питер Хокстра пазируфт. Ҷоиз аст қайд намоем, ки дар як вақт ба мамлакати мо ташриф овардани ду ҳайати вакилони ИМА аз дараҷаи баланди суръати рушди муносибатҳои ўзбекистониву амрикоӣ гувоҳӣ медиҳад.

Маълум аст, ки Конгресс дар сиёсати дохилаву берунаи ИМА нақши муҳим мебозад. Ва онро воқеаҳои 11 сентябр бори дигар равшан намоиш доданд. Тамоми депутатҳо новобаста ба мансубияти ҳизбӣ, муттаҳид гардиданд ва қарорро дар бобати мубориза ба муқобили терроризм якдилона ҷонибдорӣ карданд.

Сафари аъзоёни Конгресс ба мамлакати мо ҷиҳати мунтазамӣ пайдо кардаанд. Ва он аз саъю кӯшиши бузурги мақомоти олии қонунбарории ИМА оиди минбаъда рушд бахшидани муносибат бо Ўзбекистон дарак медиҳад. Ва майлу шавқи аъзоёни Конгресс нисбати мамлакати мо, албатта, барои таҳкими равобити ўзбекистониву амрикоӣ аҳамияти муҳим касб мекунад.

Ҳангоми мулоқот Президент Ислом Каримов ба фаъолияти Конгресс баҳои баланд дод, ба ҳукумат ва халқи ИМА барои корҳое, ки дар доираи мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ба рӯи об бароварда мешаванд, миннатдорӣ изҳор намуд. Зеро ба туфайли амалиёти муоҳидаи байналхалқӣ таҳти сарпарастии ИМА манбаи терроризм дар Афғонистон ва таҳдид ба мӯътадилии Осиёи Марказӣ аз байн бардошта шуд.

Дар таркиби ҳайати вакилони палатаи намояндагон, ки ба мамлакати мо ташриф овардаанд, намояндагони кумитаҳое мебошанд, ки бо чунин соҳаҳо, аз қабили илм, таълим, инфрасохтор, молия, энергетика, савдо, кори ҳарбӣ, кишоварзӣ машғул мегарданд. Ва ин далел аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар Конгресс саъю кӯшиш дар бобати ҳамаҷониба рушд бахшидани равобит бо Ўзбекистон калон аст.

Меҳмон ба ҷониби Ўзбекистон миннатдории худро оид ба ҷонибдории муоҳидаи байналхалқии зиддитерроризм ва ёрӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бобати расонда додани кӯмаки башардӯстона баён сохт.

Дар рафти гуфтушунидҳо оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкории ҳамаҷониба байни Ўзбекистон ва ИМА, мубориза ба муқобили терроризм, имконияти муштаракан вусъат додани ҳаҷми кӯмак дар бобати барқарор кардани Афғонистон ва дигар масъалаҳое мубодилаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба он майлу шавқ доштанд.

**(ЎзА).**

# Ба иштирокдорони сохтмони роҳи оҳани Навоӣ-Учқудуқ-Султон Увайстоғ-Нукус

Дӯстони азиз!

Шумоёнро бо воқеаи имрӯзаи фаромӯшнопазир—оғози ҳаракати поездҳои мусофиркашон дар хатти нави роҳи оҳани Навоӣ-Учқудуқ-Султон Увайстоғ-Нукус аз таҳти дил самимона муборакбод менамоям.

Дар ин бобат мазмуни ба худ хоси рамзӣ ҳаст, ки ба истифода супурдани ин иншооти муҳим, ки дар ҳаёти мамлакати мо аҳамияти калони иҷтимоиву иқтисодиро молик аст, дар арафаи иди истиқлолият рух медиҳад.

Бешак, сохтмони мазкури арзиши умумиаш 38,9 миллиард сӯм, ки дар ин солҳо ба рӯи об бароварда шуд, ба рушди минбаъдаи шабакаи роҳи оҳан-барҳақ раги шарёни иқтисодиёти мо хизмат мерасонад, боз як далели равшани имкониятҳое мебошад, ки ба халқи мо истиқлолият муҳайё сохтааст.

Роҳи мазкур баробари ба вуҷуд овардани шабакаи ягонаи Роҳи оҳани Ўзбекистон, маҷмӯъгӣ азхуд намудани конҳои канданиҳои фоиданок дар минтақаҳо, ба даст овардан ва ба миқдори зиёд сарфа кардани асъори озодтабодул, фароҳам омадани қулаиҳо ба равуои одамон, ҳамчунин барои вусъат ёфтани миқдори коргоҳҳо, сохтмони корхонаҳои калонтарини саноатӣ дар шаҳрҳо ва деҳот ва аз ҳама муҳимаш, ба рушди соҳибкории хурду миёна дар маҳалҳо мусоидат мекунад.

Бори дигар лоиҳакашон ва муҳандисон, бинокорон ва васлгарон, роҳиоҳанчиён, намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ, алқисса, тамоми ҳамватанонамонеро, ки намунаи истодагариву мардонагӣ зоҳир карда, ба ин кори нек саҳми муносиби худро гузоштаанд, ба шароити душвори иқлим нигоҳ накарда шабу рӯз фидокорона меҳнат кардаанд, сохтмони роҳи навро ба рӯи об баровარданд, ки дар худ хусусиятҳои мураккаби муҳандисиву техникиро таҷассум гардондааст, ба ғалабаи калони меҳнатӣ муборакбод менамоям.

Дар ин бобат мӯътақид ҳастем, ки ҳамин қабил шоҳроҳҳое, ки ба туфайли мардонагӣ, таҷриба ва маҳорат сохта мешаванд, уфуқҳои навро дар назди мамлакати мо, халқи мо мекушоянд, ки ба сӯи ояндаи дурахшони худ дилпурона пеш меравад.

Ба ҳамаатон тани сиҳҳати мустаҳкам, хушбахтӣ ва ба оилаҳоятон бахту саодатро таманно дорам.

Бигузор ба шумоён мудом омад ёр гардад, азизонам!

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

Тӯҳфаи идона

## Камари тиллоии Ўзбекистон

Рӯзи панҷшанбеи ҳафтаи гузашта дар вокзали «Шимолӣ»-и Роҳи оҳани шаҳри Тошканд маросими мутантан бахшида ба кушоиши ҳаракати поезди мусофиркашон аз Тошканд то шаҳри Нукуси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба роҳи нав ба амал омад. Дар чеҳраи ҳамаи иштирокдорон—шоирону нависандагон, паёмнигорон, намояндагони ташкилотҳои мухталифи бинокориву саноатӣ, сохтмон, вакилони Ширкати миллии роҳи оҳани «Ўзбекистон темир йўллари» хурсандӣ ҳукмрон буд ва он бесабаб набуд. Зеро имрӯз бори аввал поезди мусофиркашон аз вокзали шаҳри Тошканд тавассути Навоӣ-Учқудуқ-Мискин-Султон Увайстоғ ҳаракат карда, ба шаҳри Нукус рафта мерасид ва он бар худ рақами 254/253-ро гирифта буд. Дарозии он аз Навоӣ то шаҳри Нукус 796,2 километрро ташкил медиҳад. Ба гуфтан осон. Чунки дар солҳои салтанати Шӯроҳо сохтмони роҳи оҳани Навоӣ-Учқудуқ оғоз ёфта, баъди дувоздаҳ сол он ба анҷом расида буд. Роҳи нав бошад, ҳамагӣ дар бадали панҷ сол ба истифода супурда шуд. Охир, роҳи мазкур биёбон, кӯҳу адиру ёнаҳоро убур мекунад. Боз дар тобистони ниҳоят гарму зимистони қаҳратун, баҳори сербориш кор кардан лозим омад.

Маълум аст, ки баъди эълон гардидани қарори Девони Вазирон «Дар бораи баланд бардоштани суръати сохтмони роҳи оҳани Учқудуқ-2-Мискин-Султон Увайстоғ» сохтмони ин роҳ суръату сифати баланд пайдо кард. Дар охири садаи гузашта қитъаи 342 километраи роҳ, ки аз ду тараф сохта мешуд, ба ҳам васл гардид. Соли гузашта поездҳои боркашон ба кашондани бор шурӯъ намуданд. Оқибат боркашонии Ширкати миллии роҳи оҳани Ўзбекистон ба 960 миллион тонна-километр афзуд. 6,1 миллиард сӯм даромад овард. Худи соли ҷорӣ то 1 июл тавассути ин роҳ 4700 ҳазор тонна бор кашонда шуд. Дар айни замон имконият фароҳам омад, ки 18 миллион доллар ба Ўзбекистон бар фоида монад. Чунки то ҳол поездҳо тавассути ҳудуди мамлакати ҳамсоя ҳаракат мекард ва давлати мо маҷбур буд, ки барои бору мусофиркашонӣ ҳаққи транзитро пардозад. Баробари ин вақти рафта расидани бору мусофир ба манзил ба ҳашт соат кӯтоҳ гардид. Боз даҳ истгоҳи нав созмон дода шуд, ки барои садҳо одамон коргоҳ мебошанд. Умуман ба бунёди роҳи мазкур 38,1 миллиард сӯм харҷ гардид, ки аз мавҷуд будани нерӯи бузург дар соҳа гувоҳӣ медиҳад. Ва ин нерӯро беҳуда бузург намегӯем. Чунки ҳоли ҳозир дар мамлакатамон 66 фоизи тамоми бор, 80 фоизи моли ба содирот бароваранда тавассути роҳи оҳан ҳаракат мекунад. Ва ин аз он далолат медиҳад, ки дар соҳаи роҳи оҳан ислоҳот собитқадамона ба рӯи об бароварда мешавад.

Аз рӯи ҳисобу китоби мутахассисон хароҷоти роҳ дар бадали 8-9 сол пардохта мешавад. Ҳар сол ба андозаҳои миллион доллар асъори озодтабодул сарфа мешавад.

Дар ин хусус ҳангоми маросими мутантан сарвари Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани «Ўзбекистон темир йўллари» Равшан Зоҳидов ҳарф зад.

Лентаи алвон—рамзи анъанавии ба истифода супурда шудани обекти навро Қаҳрамони Ўзбекистон, Шоири мардумӣ Абдулло Орипов бурид. Дар тадбир ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Козим Тӯлаганов иштирок намуд.

Дар маросим як далел алоҳида зикр ёфт. Поезди рақами 254/253 дар давоми ҳафта се бор ҳаракат мекунаду он барои сарфа кардани миллионҳо доллари Ширкати роҳи оҳани Ўзбекистон мусоидат мекунад. Ин чунин маънӣ дорад, ки маблағи сарфагардида барои рушди минбаъдаи ин соҳаи устувори иқтисодиёт харҷ мегардад.

Алқисса, камари тиллоии Ўзбекистон ба кор сар кард ва он ҳамчун рамзи дӯстӣ ба авлоди оянда ҳам хизмат мерасонад.

**Давлатбой ЎРАЗМЕТОВ,**
**муаррих.**

## Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

26 август маҷлиси хотимавии гурӯҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи нуҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм ба амал омада, таҳти сарпарастии сарвари гурӯҳ, ҷонишини Раиси Олий маҷлис Ф.Муҳиддинова гузашт.

Дар маҷлис натиҷаҳои корҳои ба иҷрорасида оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи нуҳуми парлумон даъвати дуюм ҷамъбаст гардид. Сарварони зергурӯҳҳо М.Сафоева, Ў.Ҳошимов ва И.Кочмарик хабар доданд, ки лоиҳаи қонунҳо ва дигар маводҳое, ки ба муҳокимаи иҷлосия пешкаш карда мешаванд, сари вақт ба вакилони халқ фиристода шуданд. Аз фраксияҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва блокҳои вакилони халқ, интихобкунандагон, ташкилотҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба миқдори зиёд таклифу мулоҳизаҳо расиданд, ки онҳо дар кумитаҳои Олий Маҷлис бо диққат омӯхта шуданд ва пурарзишашон ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо ба назар гирифта шуданд. Фаъолияти кумитаҳо ва комиссияҳо, гурӯҳҳои ташхиси Олий Маҷлис дар давраи тайёрӣ дар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан гардиданд. Масъалаҳои ташкиливу хизматрасонии техникӣ ба вакилони халқ ҳаллу фасли худро ёфта, барои онҳо дар тӯли кори сессия шароити мусоид барои фаъолият фароҳам оварда шудааст.

Дар маҷлис зикр шуд, ки иҷлосия дар арафаи санаи фархунда-ёздаҳсолагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон мегузарад. Дар фурсати кӯтоҳ дар мамлакат дигаргуниҳои калон дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавӣ рух доданд. Ба муҳокимаи вакилони халқ дар иҷлосияи дар пешистода лоиҳаи қонунҳое пешкаш карда шудаанд, ки баҳри рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва амиқ гардондани ислоҳотҳои демократӣ дар ҷамъият мусоидат мекунанд.

Зарурати давом додани корҳо аз болои таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ, бо диққат омӯхтан ва ба назари эътибор гирифтани таклифу мулоҳизаҳои расида, амалӣ гардондани тадбирҳое, ки фаъолияти пурсамари парлумонро таъмин месозанд, ба забон гирифта шуд. Дар маҷлис ҳамчунин иттилооти умурҳои дахлдор шунида шуданд.

Иштирокдорони маҷлиси гурӯҳи кории вакилони халқ дар ин бобат изҳори боварӣ карданд, ки корҳои тайёрии ба иҷрорасида барои ба дараҷаи баланди сиёсиву касбӣ ва ташкилӣ гузарондани иҷлосияи нуҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм мусоидат мекунад.

## Мукофотҳо муборак!

Озмуне, ки ҳар сол таҳти унвони «Аз ҳама бузургу аз ҳама азиз» бахшида ба солгарди истиқлолияти Ўзбекистон гузаронда мешавад, дар роҳи ба вуҷуд овардани асарҳои тасвирӣ, бадеӣ, соҳаи журналистика ва ғайра нақши калон мебозад. Имсол низ озмун бахшида ба ёздаҳсолагии истиқлолият гузаронда шуд. Асарҳое, ки ба озмун пешкаш гардида буданд, аз тарафи аъзои ҳакамот, кормандони Ассотсиатсияи эҷодии «Тасвирий ойина», Бунёди ҷамъиятиву сиёсии демократикониӣ ва ҷонибдории воситаҳои ахбори оммавӣ ҳаматарафа омӯхта шуданд ва ғолибон эълон гардиданд. Дар байни ғолибон ва ҷоизадорони озмун мухбирони ҷамоатии мо Нӯъмон Муҳаммадҷонов ва Рустам Шарипов ҳастанд, ки аз самими қалб онҳоро муборакбод мекунем.

***

Дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолият ғолибони мукофоти «Ниҳол» эълон карда шуд, ки дар офаридани асарҳое фаъолнокӣ зоҳир мекунанд, ки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа-мусиқӣ, матн ва маҳорати иҷрогарӣ қалби одамонро ба тасхир оварда, онҳоро ба накӯкорӣ даъват месозад, барои мустаҳкам шудани азму иродаи онҳо кӯмак мерасонад. Кенгаши ҳакамот аз байни 100 нафар номзад беҳтарин дахтояшро интихоб кард ва номи онҳоро эълон намуд. Дар байни онҳо овозхонон, мусиқинавозон, раққосон, дастаҳои ҳунарӣ ҳастанд.

Мо ғолибон-ҷоизадорони мукофоти мазкурро аз самими қалб муборакбод намуда, дар корҳои эҷодиашон комёбиҳои минбаъдаро таманно дорем.

Пеш аз иҷлосияи IX Олий Маҷлис

## Агар маълумотҳо дақиқ бошанд

Дар ҷаҳон алҳол мақоле маъмул гардидааст, ки ба он бешакку шубҳа мамлакатҳои хурду калон амал мекунанд. Ва он мақол чунин аст: «Агар касе соҳиби ахборот бошад, аз саросари дунё бохабар мегардад». Ва дар пойгоҳи ин мақол як ҳикмати амиқе ниҳон аст, ки онро пеш аз ҳама шахси маданиятнок пай мебарад. Зеро ҳамагон хуб медонанд: дар шароите, ки илму техника бо суръати баланд инкишоф меёбад, талабу эҳтиёҷ нисбати ахбороту маълумот ҳамон қадар афзудан мегирад. Ва он тақозо дорад, ки ахборот ба даст оварда, амиқан таҳлил гардида, баъд паҳн карда шавад. Яъне сухан ба болои омор ва маълумотҳои оморӣ омада, тақозо дорад, ки дар ин бобат заминаи қонунгузорӣ хеле мустаҳкам карда, созгори айём гардонда, баробари ҳаёт қадам партояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз мақомоте, ки бо ҷамъ овардан, таҳлил намудан ва паҳн кардани иттилооту маълумот шуғл меварзад, омор ба ҳисоб мераваду аҳамияти он дар пешрафти ҳар як мамлакат ниҳоят калон аст. Бо назардошти ана ҳамин ба муҳокимаи иҷлосияи навбатии Олий Маҷлис лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи омори давлатӣ» пешкаш карда мешавад, ки дар шароити кунун аҳамияти калон дорад. Зеро лоиҳаи қонун пеш аз ҳама барои мустаҳкам кардани асосҳои омор, боз ҳам амиқгардонии ин низом, ба вуҷуд овардани сохтори мустақил, дахлнопазир ва боварибахш нигаронда шуда, андозаҳои байналхалқиро дар ин бобат ба назари эътибор гирифтааст.

Лоиҳаи қонунро бо заминаи қонунгузории дар ин бобат ба вуҷудовардашуда муқоиса карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст: он пеш аз ҳама масъалаҳои ташкилии оморро дар мамлакат ба тартиб меандозад, ваколату масъулияти мақомоти омор, пеш бурдани низоми иттилоотии онро дар пойгоҳи талабу андозаҳои байналхалқӣ муайян месозад.

Аз ҳама муҳимаш дар лоиҳаи қонун дигаргуниҳое, ки дар мамлакатамон дар тӯли ёздаҳ сол рух додаанд, дастовардҳои калони соҳаи мазкур таҷассум гардидаанд ва боварӣ ҳаст, ки баъди аз тарафи вакилони халқ қабул гардидани он ба соҳаи мазкур такони нав бахшида, ҳар кадомамон соҳиби маълумоти боварибахш мегардем ва дар ин бобат ба андозаҳои ҷаҳонӣ мерасем.

**Ойгул МАДРАҲИМОВА,**
**муҳандис.**

**Дар бораи кушоиши иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм**

Иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон даъвати дуюм 29 августи соли 2002 дар шаҳри Тошканд соати 10.00 дар маҷлисгоҳи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон кушода мешавад.

**Ба маълумоти вакилони халқи Олий Маҷлис**

Вакилони халқи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон имрӯз, 28 август аз соати 9.00 то соати 18.00 дар Олий Маҷлис номнавис карда мешаванд.

**Ба диққати вакилони халқи Олий Маҷлис, ки ба таркиби фраксияҳои вакилони халқи ҳизбҳои сиёсӣ ва блокҳои вакилони халқ шомиланд.**

Имрӯз, 28 август дар Олий Маҷлис соати 13.00 маҷлиси блоки вакилони халқ аз гурӯҳҳои ташаббускори интихобкунандагон, соати 15.00 маҷлисҳои Фраксияи Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва блоки вакилони халқ аз мақомоти ҳокимияти сернамоянда ба амал меоянд.

Идона

## Ҷилди навбатӣ

Дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба китобхонони сершумор тӯҳфаи хуб ҳозир карда шуд. Ҷилди сеюми Қомуси миллии Ўзбек аз чоп баромад, ки 4100 мақоларо дар бар гирифта, 120 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳияву чопи он фикру мулоҳизаҳое ба назар гирифта шуданд, ки доир ба чопи ҷилдҳои аввалу дуюми Қомуси миллӣ баён гашта буданд.

Қомус фаслҳоро аз ҳарфҳои «Г» то «Д» ва аз «Е» то «З» дар бар гирифтааст. Ба тавзеҳоти мафҳумҳо дар бораи таърихи Ўзбекистон, адабиёт, санъат, арзишҳои миллӣ, дини ислом диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Аз он ҷумла, аз рӯи илмҳои таърихӣ 480, фарҳангу санъат—422, забон ва адабиёт—270, фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърихи дин—200 модда ҷойгир шудаанд. Ба масъалаҳои иқтисодӣ ҳам тавзеҳоти зиёде дода шудаанд. 600 моддаи онро маълумотҳо оид ба ҷуғрофия, геология ва геофизика ташкил медиҳанд. Баробари ин китобхонон аз хусуси биология, тиб, кимё, риёзиёт, физика, техника, ситорашиносӣ, кишоварзӣ ҳам маълумотҳои шавқоварро пайдо карданашон мумкин аст. 657 модда ҷиҳати тарҷумаҳолӣ пайдо кардааст ва дар бораи мутафаккирони бузург, арбобони давлативу ҷамъиятӣ, намояндагони бонуфузи ҳаракат барои истиқлолияти Ўзбекистон, Қаҳрамонҳои Ўзбекистон, нависандагони мардумӣ, ҳунарварони мардумии Ўзбекистон, арбобони илму санъат маълумот медиҳанд.

Дар таҳияи ҷилди сеюм панҷсад муаллиф иштирок намудааст. Аз он 1400 сурати ранга ва 200 сурати сиёҳу сафед ҷо пайдо кардааст, ки аксарашон нусхаи аслӣ мебошанд. Ҳамчунин 70 харитаи рангаву сиёҳу сафед ҷо пайдо кардааст.

Баробари ба даст гирифтани қомус як фикр филфавр аз сар мегузарад: вай на танҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, балки аз нигоҳи чопӣ ҳам такомул ёфтаасту аз торафт пурқувват гардидани иқтисодиёти Ўзбекистон гувоҳӣ медиҳад.

**(Паёмнигори мо).**

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

## Дар бораи баъди фавташон мукофотонидани арбобони илм ва санъат, ки ба рушди илму фарҳанги Ўзбекистон саҳми бузург гузоштаанд

Ба хотираи ҳамватанонамон, ки бо истеъдоди нотакрори худ ба рушди илму санъати Ўзбекистон ҳиссаи бебаҳо гузоштаанд, тамоми ҳаёти худро ба кори шукуфонии Ватан, халқу миллат бахшидаанд, бо назардошти мероси калони илмиву эҷодие, ки боқӣ гузоштаанд, олимон ва арбобони зерини санъат баъди фавташон бо ордени «Буюк хизматлари учун» мукофотонида шаванд:

**Ҳабиб Абдуллоев**—академик

**Содиқ Азимов**—академик

**Тӯхтасин Ҷалилов**—Арбоби шоистаи санъати Ўзбекистон, оҳангсоз

**Убай Орипов**—академик

**Игор Савиский**—Арбоби шоистаи санъати Ўзбекистон, мусаввир

**Тошмуҳаммад Саримсоқов**—академик

**Саъдӣ Сироҷиддинов**—академик

**Обид Содиқов**—академик

**Ҳамид Сулаймонов**—Арбоби шоистаи илми Ўзбекистон, олими манбаъшинос

**Олим Хӯҷаев**—Ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон, актёр

**Собир Юнусов**—академик

**Тошмуҳаммад Қорӣ Ниёзӣ (Қориниёзов)**—академик

**Яҳё Ғуломов**—академик.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
23 августи соли 2002.

## Тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон

Дар Девони Вазирон маҷлиси Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба тайёркунии соҳаҳои иқтисодиёт ба кор дар давраи тирамоҳу зимистон ба амал омад. Дар кори он сарварони вазорату кумитаҳо, ширкатҳои дахлдор, муассисаҳо ва ташкилотҳо, раисони комиссияҳои ҳудудӣ-ҷонишинони Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд иштирок намуданд.

Дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ўткир Султонов гузашт, масъалаҳои алоқаманди иҷрои қарори Девони Вазирон дар бораи тайёрии соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурият ба кор дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2002-2003 мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар маҳалҳо тадбирҳои зарурӣ оид ба таъмини кори бомароми соҳаҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо дар тӯли тамоми сол, махсусан дар рӯзҳои қаҳратуни зимистон амалӣ гардонда мешаванд. Аз он ҷумла, техника ва таҷҳизоти асосии истгоҳҳои барқӣ, ки дар моҳҳои тирамоҳу зимистон бо тамоми иқтидор кор мекунанд, дегхонаҳо ва иншоотҳои муҳандисӣ хушсифат тармим гардидаанд. Сӯзишвории моеъ ва ангишт барои онҳо захира карда мешаванд.

Дар маҷлис як қатор маҳалҳое зери тозиёнаи танқид гирифта шуданд, ки ба фаъолият дар ин самт диққату эътибори зарурӣ надодаанд. Аз он ҷумла, дар вилоятҳои Наманган, Самарқанд, Сирдарё, Хоразм имкониятҳои мавҷуда барои тармими асосии низоми таъмини хазинаи манзил бо захираҳои зарурии энергетикӣ истифода бурда намешаванд. Дар ин маҳалҳо ба фаъолият оид ба вуҷуд овардани захираҳои сӯзишворӣ, ки барои бетаваққуф таъин кардани муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, литсейҳо, беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва мавзеъҳои истиқоматӣ бо гармӣ зарур аст, бемасъулиятона муносибат мекунанд.

Дар маҷлис ба сарварони вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳо, комиссияҳои ҳудудӣ фармоиши зарурӣ оид ба ташкили босамари кор дар бобати барҳам задани камбудиҳо дар ин самт ва тайёрӣ ба зимистон дода шуданд.

**(ЎзА).**

## Эътирофи хизмати ҳамватанон

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи мукофотонидани гурӯҳи кормандони илм, тандурустӣ, фарҳанг, санъат, таълим, воситаҳои ахбори оммавӣ ва соҳаи иҷтимоӣ» ба муносибати ёздаҳсолагии истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 26 августи соли кунун эълон гардид. Як гурӯҳ кормандони соҳаҳои мазкур барои ҳиссагузории калонашон дар таҳкими истиқлолияти Ватанамон, баланд бардоштани обрӯву эътибори байналхалқии мамлакат, рушди маънавият ва фарҳанги халқамон, бо назардошти эътирофу эҳтиром пайдо кардани эҷодиёт, фаъолияти илмии онҳо аз тарафи халқ, меҳнати бисёрсолаи пурсамарашон дар соҳаи илм, таълим, адабиёт, санъат, фарҳанг, тандурустӣ, варзиш, матбуот ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо унвонҳои фахрии «Арбоби шоистаи санъати Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Ҳунарвари мардумии Ўзбекистон», «Мусаввири халқии Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Устои халқии Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Ҳофизи мардумии Ўзбекистон», «Ўзбекистон ифтихори», «Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Мураббии шоистаи ҷавонони Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Паёмнигори шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Ихтироъгар ва навовари шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Корманди шоистаи тибби Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Мураббии шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Варзишгари шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Корманди шоистаи таълими халқи Ҷумҳурияти Ўзбекистон», орденҳои «Буюк хизматлари учун», «Эл-юрт ҳурмати», «Меҳнат шӯҳрати», «Соғлом авлод учун»-и дараҷаҳои I ва II, «Дӯстлик», медали «Шӯҳрат» мукофотонида шуданд, ки он эътирофи хизматҳои онҳо дар назди халқу Ватан мебошад.

Мо мукофотонидашудагонро аз самими қалб муборакбод намуда, ба онҳо комёбиҳои нав ба навро дар фаъолияти серҷанбаашон таманно дорем.

# Роҳи пуршарафи истиқлол




**Нақши санъат ва варзиш дар бобати аз нигоҳи маънавӣ ва ҷисмонӣ тарбия кардани одамон ниҳоят калон аст. Аз ин рў дар солҳои истиқлолият барои рушди ин соҳаҳо диққату эътибори калон нигаронда шуда, тадбирҳои сершуморе андешида шуданд, ки алҳол самараи хуби худро мебахшанд. Дар поён аз ин хусус ҳикоя карда мешавад.**



## 10. Айёми дигаргунсозиҳо

Ҳукумати мамлакатамон таҳти сарпарастии Президенти худ аз рўзҳои аввали истиқлол ба арзишҳои маънавии халқи хеш диққату эътибори махсусро нигаронд. Ва он бесабаб набуд. Халқи Ўзбекистон, ки соҳиби таърихи беш аз сеҳазорсола мебошад, ба тамаддуни ҷаҳон саҳми худро гузошта, дар тамоми соҳаҳои фарҳанг нақши калони худро гузошта буд. Аз ин рў, шиори «вазифаи муқаддаси мо нигоҳ доштан ва ғанӣ сохтани мероси бебаҳои маънавиамон» хурду калони ҷумҳуриятро рўҳбаланд гардонда, барои саҳмгузор гардидан ба он даъват сохт. Тармими кошонаҳои санъат, қад кашондани кўшку қасрҳои санъат ба ҳукми анъана даромад ва онро мо дар мисоли Театри давлатии академии драмаи Ўзбекистон диданамон мумкин аст, ки алҳол ба худ номи Театри миллии Ўзбекистонро гирифтааст.

Як сол муқаддам дар арафаи иди истиқлоли Ўзбекистон маросими мутантани кушоиши бинои нави театри мазкур ба амал омада, ҳаводорони санъатро ниҳоят шод гардонд. Чунки таҷдиди бинои пештараи фартутшудаи театр дар фурсати кўтоҳ—ҳамагӣ ҳашт моҳ ба охир расид. Ва ин кошона, ки ба худ тамоман ҳусни навро гирифтаасту ҳар як сутуну нақш ва деворҳои он касро ба ваҷд меоварад, алҳол ба ҷои дўстдоштаи ҳаводорони театру санъат мубаддал гардидааст. Ва он бешак, «оинаи фарҳанги ўзбек, қисми таркибии ҳаёти маънавии мо гардидааст».

Як далелро алоҳида таъкид кардан лозим меояд. Театри мазкур яке аз ҷамоаи куҳани соҳаи санъати мамлакатамон ба ҳисоб меравад, ҳаштод соли тўлонӣ ин рўзро мунтазир шуд. Бисёр ҳунарварони номдор дар ҳавою ҳаваси дидан кардани бинои нав орзуҳои худро ҳамроҳашон ба он дунё бурданд. Чунки сохти мустабид барои сохтани театри замонавӣ эътибор надод. Ҳарчанд театр дар доираи намояндагони санъати собиқ иттиҳод обрўву эътибори калон дошт, бисёр дурдонаҳои нодири санъати ҷаҳониро дар саҳнаи худ намоиш дода, дили миллионҳо нафар тамошогаронро ба тасхир оварда бошад ҳам, вале касе фароҳам овардани шароити мусоидро ба ситораҳои санъати Ўзбекистон фикр намекард. Беҳуда мо ситораҳои санъати Ўзбекистон гуфта истодаем. Охир, дар театри мазкур Маннон Уйғур, Аброр Ҳидоятов, Етим Бобоҷонов, Шукур Бурҳонов, Олим Хўҷаев, Соро Эшонтўраева, Набӣ Раҳимов, Обид Ҷалилов, Зайнаб Садриева, Тошхўҷа Хўҷаев, Александр Гинзбург, Ғанӣ Аъзамов барин садҳо соҳибистеъдодон, ҳунарварони номдор кор карда, асарҳоеро ба саҳна гузошта буданд, ки аз дурдонаҳои санъати ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар айни замон онҳо нақшҳое офариданд, ки алҳол аз тарафи аҳли санъати ҷаҳон ҳамчун симоҳои абадзинда эътироф карда мешаванд. Маҳз тавассути асарҳои саҳнавии ҷамоаи театр ва актёрони бомаҳорат симоҳои машҳури Ўзбекистон—олиму нависандагон, арбобони илм, мутафаккиру файласуф ва ғайра офарида шуда, саросари ҷаҳонро бо авлодони кадом ниёкон будани халқи Ўзбекистон ошно сохтанд. Барои офаридани нақшҳои Алишери Навоӣ, Абўалӣ Сино, Амир Темур, Мирзо Улуғбек, Берунӣ ва ғайра аҳли эҷодӣ меҳнати зиёдеро ба харҷ додаасту он дар саросари ҷаҳон эътироф пайдо карда, номи Ўзбекистонро боз ҳам машҳуртар гардондааст. Ва шояд арвоҳи ин устодони санъат алҳол дар бинои театр ҳозир шуда, миннатдории худро ба истиқлол баён мекунанду аз он шояд масрур мегарданд, ки адолати таърихӣ тантана мекунад, нурҳои саодатбахши истиқлол ба ҳар кадом аҳли ҳунар роҳат мебахшаду ба фатҳи қуллаҳои нав ба нави меҳнативу эҷодӣ даъват месозад.

Хусусан ба рушди соҳаи театр диққату эътибори калонро дар солҳои истиқлолият ҳар як санъаткор, ҳар як аҳли ҳунар баръало ҳис кард ва мекунад. Дар ин бобат мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон созмон ёфтани иттиҳодияи «Ўзбектеатр» нақши калон бозидааст. Рўи чопро дидани маҷаллаи «Театр» бошад, барои офаридани нақшҳои нав ба нав мусоидат кард. Чунки дар ҳар шумораи он вазъи театру санъати имрўзаи театр мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаммоҳо ҷасурона ба забон гирифта мешаванду барои пешравии кор мусоидат мекунанд. Ғамхории ҳукуматамонро ба соҳаи санъату театр аз далели мазкур ҳам дидан мумкин аст. Давлат Иттиҳодияи «Ўзбектеатр» ва ташкилотҳои онро дар маҳалҳо аз додани тамоми намудҳои андоз ба муддати панҷ сол озод намудааст.

Ғамхории ҳукуматамонро нисбати театр аз далели дигар ҳам пай бурданамон мумкин аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар бисёр мамлакатҳои собиқ Иттиҳод аз вазъи душвори иқтисодӣ бисёр театрҳо дари худро пўшидаанд. Дар Ўзбекистон бошад, баръакс миқдори театрҳо афзуд. Ба туфайли ҷонибдории давлат алҳол дар Ўзбекистон 35 театри касбӣ фаъолият пеш бурда, тамоми жанри асарҳои соҳаи театр—драмаи мусиқии миллӣ, драмаи намунаи аврупоӣ, опера, балет ва ғайраро ба саҳна мегузоранд. Ба ҷуз театрҳо барои калонсолон дар ҳамаи вилоятҳо театри лўхтак, дар Фарғонаву Самарқанд ва Тошканд бошад, театри драмаву мусиқии русӣ фаъолият пеш мебаранд.

Махсусан театрҳои пойтахти мамлакат корҳои зиёдеро ба иҷро расонданд. Аз он ҷумла, театрҳои ба номи Аброр Ҳидоятов, «Илҳом», «Театри ҷавонони Ўзбекистон» дар тўли солҳои истиқлолият роҳеро тай намуданд, ки ба садсолаҳо баробар аст. Аввало, аҳли эҷоди ин театрҳо аз шароити хуби меҳнату истироҳат бархурдор гардиданд. Бинои баъзеи онҳо аз тармими асосӣ бароварда шуда, баъзеяшон ба биноҳои нав кўчиданд ва баъзеяшон фаъолияти худро дар кошонаи тамоман нав сар карданд. Ба он Театри давлатии академии драмаи русии Ўзбекистонро шомил гардондан мумкин аст. Ба туфайли сафарҳои сершумори ин театрҳо ба ИМА, Олмон, Фаронса, Словакия, Ҳиндустон, Белгия, Миср, Россия ва ғайра санъати театрии ўзбек саросари ҷаҳон машҳур гардид. Озмуну ҷашнвораҳо аксар вақт бо ғалабаи аҳли ҳунари ўзбекистониён анҷомид. Чунки дар ҳамаи онҳо спектаклҳои миллӣ намоиш дода, тамошогаронро ба ваҷд овард.

Дар бобати шўҳратёр гардидани санъати халқҳои Ўзбекистон нақши озмунҳо ва ҷашнвораҳое низ калон аст, ки дар мамлакатамон гузаронда мешаванд. Ҷашнвораҳои минтақавии «Наврўз», байналхалқии «Театр: Шарқ-Ғарб», «Ҳумо» барои шўҳратёр гардидани санъати театрии ўзбек нақши калоне бозиданд.

Ҷашнвораи байналхалқии «Шарқ тароналари», ки дар Самарқанд гузаронда мешавад, дар амал дар кадом поя будани санъати миллии халқи Ўзбекистонро намоиш медиҳад. Ва ин ҷашнвора ҳамчун воситаи нодир барои ҳамдигарро ғанӣ сохтани фарҳанги халқҳо, мустаҳкам шудани равобити фарҳанги байни мамлакатҳо хизмат мерасонад. Аз ҳама муҳимаш, ҷашнвораи мазкур аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф пайдо кард ва ЮНЕСКО ҳар бор, ки ҷашнвораи «Шарқ тароналари» гузаронда мешавад, ҷоизаи худро таҳти унвони «Самарқанд таронаси» таъсис мекунад.

Дигар соҳаҳои санъатамон ҳам рушди худро меёбад. Даҳҳо ҷавонписарону духтаронамон дар озмуну ҷашнвораҳой байналхалқӣ иштирок намуда, бо мукофотҳои сершумор бармегарданд. Ва он аз ҳамин далолат мекунад, ки соҳаи санъати Ўзбекистон хеле ба пешқадам партофта, бо роҳи ҳамвори тараққиёт баромадааст.

Дар рўзҳои тантанаҳои наврўзии соли 2002 дар ҳаёти мусиқӣ ва таълиму тарбияи ҷумҳурият боз як воқеаи муҳим рух дод. Ба таври мутантан бинои нави Консерваторияи давлатӣ дари худро боз намуд.

Кушоиши бинои нави консерватория дар пойтахти азимамон—шаҳри Тошканд на танҳо воқеаи фараҳбахш ба аҳли санъат, балки фахру ғурур барои ҳар як инсоне гардид, ки дар мамлакати паҳноямон ҳаёт ба сар мебарад. Муассисаи мазкур таърихи беш аз шаступанҷсоларо дошт ва нақши он дар ҳаёти маънавии мамлакатамон калон буд. Вай аввалин муассисаи мусиқӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт ва дар тўли арзи ҳастии худ таъсири он ба рушди балет, опера, мусиқии овозиву созӣ, эстрадаи миллӣ беқиёс буд.

Вале он низ чун дигар муассисаҳои мусиқӣ солиёни дароз бўрёкубии худро мунтазир шуд ва танҳо ба туфайли истиқлол соҳиби бинои нави замонавӣ гардид.

Маҷмўи консерватория ниҳоят мўҳташаму ба худ хос мебошад. Дар ин ҷо ба ғайр аз синфхонаҳои бо асбобу ускунаи замонавӣ муҷаҳҳаз, боз чанд толори консертӣ мавҷуд аст. Шароит барои таҳсилу гузаронидани машғулиятҳои амалӣ хеле беҳтар гардидааст. Аз нигоҳи техникӣ ҷиҳозонидани он ҳамтое надорад.

Ва он бешак, дуру дароз ба халқамон, ба рушду камоли санъати мусиқиамон хизмати намунавӣ мерасонад.

Як далелро алоҳида таъкид кардан лозим меояд. Дар солҳои истиқлолият дар байни мамлакатҳои ИДМ дар Ўзбекистон аввалин шуда чунин кошонаи маърифату нафосат дари худро боз намуд ва аз ғамхории пайвастаи давлатамон ба рушди ин соҳа далели раднопазир мебошад.

## 11. Варзиш—қосиди сулҳ

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш қисми ҷудонопазири фарҳанги миллии халқи Ўзбекистон гардида, воситаи муҳими тарбия аз нигоҳи ҷисмонӣ ва маънавӣ буда, барои таҳкими дўстии байни халқҳо, пешрафти иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурияти Ўзбекистон хизмат карда, дар айни замон вазифаи қосидии сулҳро ҳам ба ҷо меоварад. Барои рушди соҳаи мазкур бешак пеш аз ҳама қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» мусоидат кард, ки яке аз аввалинҳо шуда дар масоҳати собиқ Иттиҳод қабул гардид.



Ва он бесабаб набуд. Барои мамлакати мо одамони ҳам ҷисмонан ва ҳам маънан солим зарур буданд. Чунки ҳини ҳукмронии салтанати пештара ба ин масъала аз паси панҷа менигаристанд ва вазифаи халқи Ўзбекистонро асосан дар тайёр кардани ашёи хом медонистанд ва таъкид мекарданд, ки барои он ҳам ҷисмонан ва маънан солим гардидан шарт нест.

Мамлакати мо барои бартараф сохтани ин хатои дағал аз рўзҳои аввал шурўъ намуд. «Варзиш ин на танҳо маънои варзишро дорад. Вай дар навбати аввал бояд ба сулҳу салоҳ, ризоият, дўстӣ ва ҳамкорӣ байни одамони тамоми сайёра хизмат кунад» —шиори асосии мо гардид. Кумитаи миллии олимпӣ, Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ, шўъбаҳои варзишии вазорату идораҳо, клубҳо, федератсияи варзишии намудҳои мухталифи спорт ташкил гардида, қувваи бузург дар бобати амалӣ гардондани вазифаҳои калон дар ин соҳа гардиданд.

Ва тадбирҳои андешидашуда меваҳои ширини худро бахшиданд. Соли 1992 тими Ўзбекистон дар таркиби тими ягонаи ИДМ баромад карда, бо комёбиҳои худ ҳамаро дар ҳайрат гузошт.



Гимнастикачиён Оксана Чусовитина, Розалия Галиева, варзишгари сабук Марина Шмонина қаҳрамони бозиҳои олимпии Барселона гардиданд. Вазнбардор Сергей Сирсов, тирпаррон Анатолий Асраббоев соҳиби медалҳои нуқра, шамшербоз Валерий Захарович бошад, соҳиби медали биринҷӣ гардид.

Соли 1993 Кумитаи миллии олимпии Ўзбекистон мақоми ташкилоти мустақилро пайдо кард. Соли 1994 дар бозиҳои зимистонаи олимпӣ бори аввал дар саросари ҷаҳон суруди миллии давлати ҷавони Ўзбекистон садо дод. Чунки фристайлчии ҷавони Ўзбекистон Лина Черязева бори аввал медали тиллои Олимпиадаро ба даст овард. Худи ҳамон сол футболбозони ўзбекистонӣ ҳам саросари дунёро ба ҳайрат гузоштанд. Чунки тими яккачини мамлакати мо дар бозиҳои Осиё иштирок намуда, ҷои аввалро ишғол намуд. Ва ин муваффақияти калон буд.

Мусобиқаҳои олимпии шаҳри Атланта, ки соли 1996 ба амал омаданд, ба тими ҷавони Ўзбекистон боз комёбӣ овард. Дзюдочӣ Армен Боғдасаров бо медали нуқра, муштзан Карим Тўлаганов бошад, бо медали биринҷии олимпӣ баргаштанд. Соли 2000 бошад, саросари ҷаҳон аз он бохабар гардид, ки муштзани ўзбекистонӣ Муҳаммадқодир Абдуллоев соҳиби медали тиллоии бозиҳои олимпӣ гардидааст. Ва ин бозиҳо, ки дар Сиднейи Австралия ба амал омаданд, ба тими Ўзбекистон боз чанд медали нуқраву биринҷиро ҳадя намуд.

Дар ҳаёти варзишии ҷумҳурият оммавӣ гардидани намудҳои нав ба нави спорт нақши калон бозиданд. Минҷумла теннис маҳбубияти калон пайдо намуд. Алҳол ноҳияи ҷумҳуриятро дарёфтан душвор аст, ки корти теннис надошта бошад. Мусобиқаҳо барои «Ҷоми Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон» торафт шўҳрати калон пайдо мекунад. Дар он теннисбозони номдори ҷаҳон иштирок мекунанд. Дар айни замон ба Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов супурда шудани медали тиллоии Кумитаи байналхалқии олимпӣ, медали тиллоии Шўрои олимпии Осиё воқеаи калон гардид. Кураши ўзбек саросари дунёро фатҳ мекунад. Ассотсиатсияи байналхалқии кураш фаъолият пеш мебарад, ки президенти фахрии он Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон мебошад. Баробари ин бозиҳои Осиё, бозиҳои мамолики Осиёи Марказӣ ҳам гузаронда мешаванд ва барои рушди минбаъдаи варзиш нақши калоне мебозанд.





Дар байни наврасон, мактабхонон, муҳассили литсейҳои академӣ ва донишҷўён гузарондани мусобиқаҳо таҳти унвонҳои «Баркамол авлод», «Умид ниҳоллари» ва «Универсиада» ҳам дар бобати оммавӣ гардидани варзиш роли калоне мебозанд. Ба ғайр аз Тошканд дар шаҳрҳои Фарғона, Бухоро, Самарқанд, Намангон ва ғайра низ маҷмўаҳои замонавии варзиш, ҳавзҳои шиноварӣ, майдонҳои сершуморе сохта шуданд, ки ҷавобгўи андозҳои байналхалқӣ мебошанд.

Ва варзиш дар байни мардумон оммавӣ мегардад. Ин чунин маънӣ дорад, ки халқамон тандурусту аз ҷиҳати маънавӣ бой мегардад ва бо ҳамин васила бунёди давлатиояндаи дурахшон ба осонӣ мекўчад.

**Т.ЭҲСОН.**

*Истиқлол ва адабиёт*

# Дар сўҳбати шоир ва тарҷумони моҳир

***Олимҷон Бўриев—— шоир ва тарҷумони моҳир соли 1954 дар ноҳияи Кофарниҳони Тоҷикистон ба дунё омадааст. Беш аз 33 сол аст, ки дар Тошканд кору зиндагӣ мекунад. Дар доираҳои адабии тоҷику ўзбек эҳтироми хос дорад. Ҷанде пеш раиси Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Абдулло Орипов дар яке аз рўзномаҳои ҷумҳурӣ перомуни эҷодиёти Олимҷон Бўриев сухан ронда, аз ҷумла қайд кардааст, ки (ў) яъне Олимҷон Бўриев Ш.С.) дар осмони шеърият мисли ситорае нест, ки якбора медурахшаду баъд ноаён мегардад. Сатрҳои умедбахши шеъриаш рўйи чопро надида, намунаҳои тарҷумаҳояш аз асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ нашр шудаанд. Ў ашъори Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Румӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳилолӣ, Хотифӣ ва маҳсули дигар шоиронро ба забони ўзбекӣ тарҷума кардааст. Дар замони рукуд соли 1989, вақте шоир синнаш ба 35 расида буд, китоби нахустинаш бо номи «Аттоир» рўйи чопро дид». Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои истиқлол Олимҷон Бўриев бисёр асарҳои пурарзиш таълиф кардааст. Сўҳбати мо пеш аз ама перомуни фаъолияти тарҷумонии шоир оғоз шуд.***

**Савол: Олимҷон— ака,аслан Шумо кай ба кори тарҷума руҷўъ кардед ва он чӣ гуна сурат гирифт?**

**Ҷавоб:**—Соли 1979 ман ба Институти дастнависҳо ба кор омадам. Рўзе аз рўзҳо академик Азиз Қаюмов гуфтанд, ки шеърҳоямро барояшон оварам. Дар байни ашъорам аз шеърҳои шуарои тоҷик— Лоиқ Шералӣ, Мўъмин Қаноат, Ҷонибек Қувноқ тарҷумаҳо низ доштам. Аз ҷумла сатрҳои Ҷонибекро тарҷума карда будам:

**Дуои бад макун, ман марди некам,**
**Ба бори ту шарикам.**
**Агар ҷон хоҳӣ ҷон бахшидан аз ман,**
**Ки ту ҷононаву ман Ҷонибекам.**
**Тарҷумааш:**
**Ёмон қарғиш қилмагил, яхши одамман,**
**Рўзгорингга ҳамнафас, сенга ҳамдамман.**
**Жон сўрасанг ҳаттоки, бераман жон ҳам,**
**Ким сен жононасану Жонибекда ман.**

Намедонам ин намунаҳо ба устод Қайюмов писанд омаданд ё на, он вақт бояд силсилаи «Мероси классикони Шарқ» ба нашр мерасид, аз ман хоҳиш карданд,ки барои он силсила достони (Юсуф ва Зулайхо»—и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомиро тарҷума намоям. Китобро дар хонаи иҷоравӣ варақ задам ва бахшеро аз он достон, ки номаш чунин буд: « Аз мушоҳидаи таҳайюри ҳоли Зулайҳо гиреҳи таҳайюр ба риштаи тафаккури канизон афтодан ва доя бо сарангушти истифсор гиреҳро аз он ришта кушодан» писандам омаду ба тарҷумааш пардохтам. Нисфи тарҷумаамро барои он силсила интихоб карданд. Аммо дар он солҳо шоири ҷавон ва хусусан беунвонро шоирони намоён ба сифати тарҷумон шинохтан намехостанд. Сонитар ман он тарҷумаро ба вазни арўз амалӣ намудам. Чунки дар ҳар сурат тарҷума бояд ба аслият хеле наздик ва аз нигоҳи бадеӣ баланд бошад. Баъдтар достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» , «Саламон ва Абсол»- и Ҷомӣ, «Лайли ва Маҷнун» ва «Фарҳод ва Ширин»- и Низомиро тарҷума кардам. Аммо ба шакли китоб нашр намудани ин намунаҳо бароям душвор буд. Аз ин лиҳоз ин тарҷумаҳо асосан дар матбуот рўйи чопро диданд.

Дар ҷараёни тарҷумаи хусусан асарҳои Мавлоно Ҷомӣ ба чунин хулоса расидам, ки тарҷумон пеш аз ҳама бояд фалсафа ва рўҳи Ҷомиро дарк намояд. Дар ибтидои фаъолияти тарҷумониам маро раҳматӣ Ҷонибек Қувноқ, баъдтар Наҷмиддин Комилов, Мўҳсин Умарзода танқид карда буданд. Ман беҳуда аз онҳо ранҷида будаам. Дар ҷараёни тарҷумаи достони «Юсуф ва Зулайхо» дар вазни арўз ба дуруст ва ҳаққонӣ будани мулоҳизаҳои устодон бовар ҳосил кардам.

Аз «Девони Фонӣ» ҳам чандин ғазалро ба ўзбекӣ баргардонидам. Бояд гуфт, ки бисёре аз шеърҳои ин девон аз ҷониби Алишери Навоӣ чун татаббўъ навишта шудаанд. Татаббўъ ба Ҳофиз, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камол ва ғайра. Ин татаббўъҳоро ба дўстдорони назми Навоӣ пешкаш кардан, албатта, кори хайр аст.

Ман инчунин аз ашъори Абўабдуллоҳи Рўдакӣ, Ҷалолиддин Румӣ, Низомии Ганҷавӣ, Бадриддин Ҳилолӣ. Биноӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Шайх Саъдӣ ва дигар шоирони машҳури адабиёти классики форсу тоҷик тарҷума кардаам.Ҳоло намунаҳои беҳтарини тарҷумаҳоямро дар ҳаҷми як китоби бузург барои чоп тайёр кардаам. Агар ҳар вақте имкон шуд, чоп мекунем. Илова бар ин, бояд бигўям, ки бисёре аз шоирони ўзбек аз қабили Навоӣ, Ҳамза, Нодира, Огаҳӣ ба форсӣ ҳам шеър гуфтаанд. Бояд иқрор шуд, ки шеърҳои форсии Нодира аз шеърҳои ўзбекиаш дида беҳтаранд. Дар ғазалҳои Макнуна бадеият баландтар аст. Мутаассифона имрўз китобхонҳои ўзбек аз назми форсии Нодира бебаҳра мондаанд. Аз ин лиҳоз, чопи ғазалҳои тоҷикии Нодира ба ўзбекӣ ҳам айни муддао хоҳад шуд.

**Савол: Албатта тарҷума ҳам мисли дигар жанрҳои эҷод кори басо мушкил аст ва кори тарҷумонҳо ҳам якранг нест? Дар ин маврид чӣ гуфта метавонед?**

**Ҷавоб:**— Оре, тарҷумаҳое ҳастанд эҷодӣ, тарҷумаҳое ҳастанд сатҳӣ. Ин ҷо муҳим аст, ки тарҷумон то чӣ андоза рўҳияти забони форсӣ—тоҷикиро нағз омўхтааст. Мо тарҷумони машҳур Шоислом Шомуҳаммедовро эҳтиром мекунем. Аммо бояд гуфт , ки дар тарҷумаҳои он кас низ баъзан дурравӣ аз аслият дида мешавад. Вақте рубоиёти Хайём ва «Гулистон»—и Саъдиро дар тарҷумаи он кас хонда, баъд бо аслият қиёс карда дидам, ки нуқсонҳо кам нестанд. Зимни тарҷума шакли мисраъҳо дағалона вайрон шудааст. Имрўз ҳастанд шоироне забонро медонанд,аммо тарҷума намекунанд ва тарҷумонҳое ҳастанд, ки аз санъати шеъргўӣ хеле дуранд, вале «зўран» ба кори тарҷума даст мезананд. Тарҷумон бояд рўҳи асарро дарк намояд.

Ҷанде пеш дар ҳафтаномаи «Ўзбекистон адабиёти ва санъати» мулоҳизаҳои ман дар бораи ҷилди аввали «Маснавии маънавӣ»—и Мавлоно Румӣ дар тарҷумаи шоир Ҷамол Камол чоп шуд бо номи «Таржимами, тажриба?». Таҳлили тарҷума ва худи асар ба он хулоса овард, ки тарҷумон аслияти асарро хуб дарк накардааст.

Дар назми форсӣ як омили муҳим ҳаст, ки забон дар шеър хоҳ форсӣ бошад, хоҳ дарӣ ё тоҷикӣ тафовут надорад. Масалан, Ҷомӣ дар Ҳирот, Сайидо ва Насаф, Камол дар Хуҷанд, Саъдӣ дар Шероз зиста, шеър гуфтаанд. Дар забони баёни онҳо ҳеҷ фарқе намебинем. Ин бурди назми форсист. Тавофути лаҳҷа баъдтар бар асари воқеаҳои сиёсӣ ва ҷуғрофӣ сар задаанд. Аз ин рў «имрўз ман забони тоҷикиро медонам» гуфтан маънии шеъри классикиро тарҷума карда метавонам»—ро надорад.

Аммо дар ҳар сурат бояд гуфт, ки гарчанде халқҳои мо- тоҷику ўзбек ба забонҳои гуногун гуфтугў мекунанд, аз сабаби он ки тарзи рўзгорашон ва рўҳи халқҳо ба ҳам тавъаманд, кори тарҷумон нисбатан осон мешавад. Дўстии Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ҳам бар асари қаробати рўҳӣ мустаҳкам будааст. Абдураҳмони Ҷомӣ фармудаанд:

**Соиле гуфт ба касе, аҷаб:**
**«Ба фалонат чӣ нисбат асту насаб?**
**Гуфт: ў турк асту ман тоҷик,**
**Лек дорем, хешии наздик».**
**Тарҷумааш:**
**Бировдин сўрди ул девона дарвеш,**
**Фалончига эрурсан қандайин хеш:**
**Деди: тожик ману ул турки барлос,**
**Жудобўлмас эту тирноққа биз хос.**

**Савол: Чанд сухан дар бораи ҳолати имрўзаи алоқаҳои адабӣ ва фарҳангии тоҷикону ўзбекон мегуфтед?**

**Ҷавоб:**— Ду- се сол пеш як гурўҳи адибон ва санъаткорони тоҷик ба Ўзбекистон омада буданд, чандин мулоқотҳо баргузор шуданд.

Дар Душанбе низ чунин мулоқотҳо ба вуқўъ пайвастанд.

Мо халқҳои ба ҳам хеле наздик ҳастем. Албатта сарҳадҳои давлатҳои мо бояд мустаҳкам, зери назорати ҷиддӣ бошанд, аммо аз ин сабаб робитаҳои эҷодии мо набояд зарар бинанд.

Ман намегўям, ки робитаҳои адабӣ батамом гусаста шудаанд. Дар ҳар сурат каме суст шудаанд. Ба ҳама маълум аст., ки достони Навоӣ «Лайлӣ ва Маҷнун» дар тарҷумаи Ҷонибек аз нашр баромад. Камина се достони Ҷомиро ба ўзбекӣ тарҷума кардаам. Агар бо баҳонаи даҳаҳои адабиёт ин гуна китобҳо нашр шаванд, кори хайр мешуданд. Боз як нуктаро алоҳида бояд қайд кунам. Мо барои он, ки «Хамса»—и Алишери Навоиро ба ўзбекӣ комилан бифаҳмем, қабл аз ҳама бояд «Хамса»—и Низомии Ганҷавиро мутолаа намоем. Дар ин маврид ҳам ба тарҷумон мўҳтоҷем. Зимни робитаҳои адабӣ кори тарҷумаи асарҳои классикон низ ба тартиб медароянд. Мо аз як чиз бояд шукрона гўем, ки дар Ўзбекистон ва Тоҷикистон адибоне ҳастанд, ки ду забонро хуб медонанд. Анъанаи бузургони адабиёти мо имрўз давом доранд. Ёдатон ҳаст Сотим Улуғзода, Мирзо Турсунзода ўзбекиро, Ғафур Ғулом тоҷикиро чӣ гуна хуб медонистанд. Имрўз дар Ўзбекистон Ойдин Ҳоҷиева, Сироҷиддин Саид, Мирзо Кенҷабек, Самандар Воҳид, Аскар Маҳкам, Омон Мухтор ва даҳҳо адибонро номбар кардан мумкин аст, ки форсиро хуб медонанд. Ман (хоҳиш мекунам, ин суханонро худситоӣ қабул накунед) дар тўли чандин сол наздики 50 ҳазор мисраъ шеъри форсӣ—тоҷикиро ба ўзбекӣ тарҷума кардаам. Яъне гуфтаниям, ки мо барои тарҷума имконияти зиёд дорем.

**Савол: Оре, дар бобати мутарҷимӣ сермаҳсул будани шуморо ҳама медонанд. Зиёда аз ин шумо тайи солҳои истиқлол бисёр асар навиштед. Ҳамин тавр не?**

**Ҷавоб:**— Бахти ман аст, ки шеърҳои навиштаам ба ғояҳои истиқлол ва арзишҳои миллӣ мувофиқанд. Шеърҳое ки то истиқлол навиштаам, аз мадҳу ситоиши ҳизбу инқилоб парҳезгор буданд. Шояд аз ин сабаб ҳам нахустин китоби банда дар синни 35- солагӣ нашр шуду халос. Дар солҳои истиқлол беш аз даҳто китоби банда ба нашр расид. Чунки истиқлол барои мо — шоирон озодии сухан ва мавзўъро дод. «Замаҳшариномa» . бахшида ба Мотуридӣ «Маснавийи нур», бахшида ба Ҷомию Навоӣ достоне бо номи «Пири Тариқат ва мири ҳақиқат» , «Амир Темур», «Аҳмад Фарғонӣ». Достони «Мирзо Улуғбек», «Ҷасорати Ҷалолиддин», манзумаи «Абадият» , «Илтифот», «Рамзи миллати пурғурур» ва чанд асари дигарро навиштам. Президенти мамлакат мўҳтарам Ислом Каримов дар бораи вазифаҳои адибони замон бисёр ҳарф мезананд, ки «Ҷасорати Ҷалолуддин» ҳам рўҳи замонро ифода мекунад. Рў овардан ба классикҳо имрўз низ хеле муҳим аст. Бояд тамоми мероси бузургон пешкаши мардум карда шаванд. Дар ин замоне, ки хурўҷи адабиёту кинои Ғарб, ки бештар рўҳи фаҳш доранд, рў овардан ба адабиёти классикӣ, мавзўъҳои миллӣ аҳамияти тарбиявӣ доранд.

Достонеро бахшида ба Ғафур Ғулом бо номи «Сени соғинганда...»ро ҳам ба поён расонидам.

**Мухбир:** Олимҷон ака, барои сўҳбати самимиатон ташаккур! Муштариёни рўзномаи «Овози тоҷик» ашъори шуморо дар тарҷума борҳо мутолаа кардаанд. Шуморо чун дўстдори адабиёти форсу тоҷик медонем. Борҳо дидаем, ки дар маҳфилҳое ки дар Иттифоқи нависандагон ё Маркази фарҳанги тоҷикон баргузор мешаванд, шумо фаъол иштирок мекунед. Дар ҷашни 60—солагии раҳматӣ Ҷонибек ва 90— солагии Мирзо Турсунзода ва ин гуна бузургдоштҳо иштирок намуда, самимӣ сухан меронед. Ин албатта боиси эҳтироми мо — мухлисони шумо гаштааст.

**О,Бўриев:— Охир мо бегона нестем, хешем!**

**Мухбир: Ба шумо аз номи муштариёни «Овози тоҷик» сипосгузорӣ менамоем. Модоме, ки бузургони адабиёти форсу тоҷикро тарҷума мекунед, мероси онҳоро ба мардуми ўзбек дастрас менамоед, дар ин роҳи эҷод рўҳи бузургон шуморо мададгор бошанд!**

**Сўҳбатнигор:**
**Шоқаҳҳор САЛИМОВ,**
**сармуҳаррири Сарредаксияи «Шарқ»—и радиои Ўзбекистон.**

# Дар роҳи таҳкими заминаи қонунгузорӣ

**Фардо иҷлосияи нуҳӯми Олий Маҷлис даъвати дуюм ба кори худ шурӯъ намуда, масъалаҳои умдаи ҳаёти мамлакатро мавриди муҳокима қарор медиҳад, ки барои пешрафти минбаъдаи Ӯзбекистон аҳамияти калон доранд.**

Инак, 29 август иҷлосияи навбатии парлумони мамлакатамон ба кори худ шурӯъ мекунад. Аҳамияти калони он пеш аз ҳама барои аз нигоҳи ҳуқуқӣ таъмин кардани рушди Ӯзбекистони мустақил дар оғози садаи XXI, сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд, ҷамъияти шаҳрвандии асосаш иқтисоди бозаргонӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ зоҳир мегардад. Ба баррасии вакилони халқи Олий Маҷлис лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқие пешкаш карда мешаванд, ки барои минбаъда амиқ гардондани ислоҳот дар бисёр соҳаҳои ҳаёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии



аҳолӣ нигаронда шудаанд. Онро низ набояд фаромӯш кард, ки иҷлосияи парлумон дар арафаи воқеаи муҳими ҳаёти халқу мамлакат—ҷашнгирии ёздаҳсолагии истиқлолияти Ӯзбекистон мегузарад, ки он барои ҳар якеамон иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз мебошад. Ва он рӯҳбаландии бузурги ҷамъиятиву сиёсӣ ва кайфияти идонаи халқамонро боз ҳам тақвият хоҳад бахшид.

Ба мақсади тайёрӣ ва гузаронидани иҷлосияи навбатии парлумон таҳти сарпарастии ҷонишини Раиси Олий Маҷлис Фарруха Муҳиддинова гурӯҳи кории вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи навбатии парлумон созмон дода, дар айни замон се зергурӯҳ таҳти сарпарастии раисони кумитаҳои мухталифи Олий Маҷлис ташкил ёфта, аъзоёни он пеш аз ҳама корҳои зиёдеро ба иҷро расонданд, то ки кори парлумони мамлакат босамар гузарад. Аз он ҷумла, онҳо дар бобати сари вақт ва хушсифат таҳия намудани лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар маводҳои корие, ки ба баррасии аъзоёни парлумон пешкаш карда мешаванд, аниқ ҳаллу фасл намудани маҷмӯи масъалаҳои ташкилӣ нақши калоне бозиданд. Умум гардондан ва таҳлили фикру мулоҳизаҳое, ки бо назардошти такмил додани лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ пешкаш гардиданд, ҳамчунин ташкили фаъолият дар бобати сари вақт расондани маводҳои иҷлосия ба вакилони халқ барин масъалаҳои муҳим сари вақт ҳаллу фасли худро ёфтанд ва боиси пухта таҳия гардидани лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ гардиданд.

Рафти тайёрӣ ба иҷлосия дар воситаҳои ахбори оммавӣ хуб равшан гардид. Боэътимод кор кардани низоми электронии «Рада-Мажлис», тарҷумаи таҳтуллафзии маҷлисҳои пленарӣ дар маҷлисгоҳ ва номнавискунии намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳалливу хориҷа, даъват кардани меҳмонон сари вақт таъмин гардид. Масъалаҳои ҷойгир сохтани вакилони халқ дар меҳмонхонаҳо, ташкили хизматрасонии нақлиётӣ, тиббӣ, маишӣ ва фарҳангӣ ҳаллу фасли худро ёфтанд. Зергурӯҳҳо ва гурӯҳи вакилони халқ оид ба тайёрӣ ва гузарондани иҷлосияи нуҳӯми Олий Маҷлис дар асоси нақша ба иҷро расонад, то ки анҷумани навбатии парлумон дар савияи баланди сиёсӣ, касбӣ ва ташкилӣ гузашта, масъалаҳои баррасишаванда ҳаматарафа мавриди муҳокима қарор гирифта, дар ин бобат мубодилаи афкор авҷ гирад.

Агар ба рӯзномаи кори иҷлосияи навбатии Олий Маҷлис даъвати дуюм назар афканем, ки он мувофиқи қарори Кенгаши Олий Маҷлис аз 29 июли соли кунун тасдиқ гардидааст, пай бурдан душвор нест, ки дар он масъалаҳои дорои аҳамияти калон мавриди муҳокима қарор дода шуда, аз якдигар ҳам аз ҷиҳати аҳамият ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа мондани надоранд ва ҳама барои рушди минбаъдаи Ӯзбекистони мустақил дар садаи нави XXI, боз ҳам амиқ гардондани ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ нигаронда шудаанд.

Минҷумла аксари лоиҳаи қонунҳо бо таҳрири нав пешкаш гардидаанд, ки бесабаб нест. Чунки аксари ин қонунҳо дар солҳои аввали истиқлол қабул гардида, вазифаи худро ба ҷо оварданд ва алҳол азбаски аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳна шудаанд, мебояд онҳо ҳамоҳангу ҳамқадами замон пайдо кунанд. Яъне баробари давру замон қадам партоянд.

Яке аз масъалаи муҳиме, ки вакилони халқ мавриди муҳокима қарор медиҳанд, ин рафти иҷрои Буҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар нимаи якуми соли кунун мебошад. Вай ҳам аз ҷиҳати даромаду ҳам хароҷот барзиёд иҷро гардидааст. Вале вакилони халқ онро мебояд аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ намоянд. Махсусан ба ҷиҳати хароҷоти буҷа бо назари интиқодӣ назар афкананд. Чунки дар ин бобат ҳанӯз камбудиву норасоиҳо зиёданд. Далелҳои истифода бурдани маблағҳои буҷавӣ ғайримақсад, ноокилона ҷой доранд. Як далелро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Хароҷотҳои буҷа ҳар сол ба соҳаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ пайваста вусъат меёбанд. Ва инро дар мисоли буҷаи давлатӣ дар нимаи якуми соли кунун ҳам ҳис кардан душвор нест. 45 фоизи тамоми миқдори хароҷоти буҷаро алҳол соҳаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ташкил медиҳад. Вале ана ҳамин маблағгузорӣ баъзан ноокилона истифода мегардад, яъне дар ин бобат ба қонуншиканӣ роҳ гузошта мешавад. Ва онро мебояд вакилони халқ аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ карда, фикру мулоҳизаҳои хешро дар бобати чӣ тавр оқилона истифода бурдани маблағҳои буҷавӣ, решакан кардани далелҳои қонуншиканӣ баён созанд.

Ба муҳокимаи вакилони халқ силсилаи лоиҳаҳои қонунҳое пешкаш карда мешаванд, ки соҳаҳои мухталифи ҳаёти мамлакатро дар бар гирифта, барои аз байн бардоштани як қатор муаммоҳо бешак нақши калон хоҳанд бозид. Ана, бигирем, лоиҳаи Қонун «Дар бораи комёбиҳои селексионӣ»-ро, ки бо таҳрири нав пешкаш карда мешавад. Қонуни пештара расо шаш сол хизмат кард. Баъзе нуктаҳои он аз талаби замон қафо мондаанду дар айни замон хосу мос гардидан ба меъёрҳои байналхалқиро тақозо доранд. Аз ин рӯ он бо таҳрири нав ба муҳокимаи вакилони халқ пешкаш карда мешавад. Баробари ин Ӯзбекистон ба Конвенсияи байналхалқӣ оид ба ҳифзи комёбиҳои селексионӣ ҳамроҳ мегардад ва аз ин рӯ лозим меояд, ки нуктаҳои он



ба меъёру талабҳои байналхалқӣ мос гардонда шаванд.

Лоиҳаи дигари қонун «Дар бораи омори давлатӣ» мебошад. Он аз нав таҳрир гардида, дар қироати аввал баррасӣ мегардад. Маълум аст, ки қонун дар ин бобат нӯҳ сол муқаддам қабул гардида буд. Ва он дар тӯли ин қадар арзи ҳастии худ ҳамчун воситаи муайянкунандаи сиёсати босамари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хизмат карда, низоми мукаммалеро ба вуҷуд овард, ки оиди вазъи ҳаққонии иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият маълумотҳои саҳеҳро пешкаш намуд. Вале нуктаҳои он низ аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳна шудаанд ва аз ин рӯ тақозо дорад, ки омори мо ҳам ба қоидаву меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардида мувофиқат кунад. Аз ин рӯ гуфтан зарур аст, ки лоиҳаи нави қонун ин эҳтиёҷи давру замон мебошад.

Дар хусуси лоиҳаи Қонун «Дар бораи боигариҳои қаъри замин» ҳам ин суханонро гуфтан мумкин аст. Дар тӯли ҳастии нӯҳсолаи худ ба қонуни мазкур бисёр тағйироту иловаҳо дохил карда шуданд. Қариб ки аксар моддаҳои он мувофиқи талаби давру замон нав гардид. Вале бо даровардани тағйироту иловаҳо кор буд намешудааст. Аз ин рӯ лоиҳаи қонун бо таҳрири тамоман нав ба ҳукми вакилони халқ пешкаш карда мешавад ва бешак, фаъолиятро дар ин соҳа ҷоннок мегардонад.

Ба муҳокимаи вакилони халқ ҳамчунин қонунҳо «Дар бораи ихтироот, моделҳои фоидаовар ва намунаҳои саноатӣ», «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» пешкаш карда мешавад. Қонунҳои мазкур ҳам солҳои 1993-1994 қабул гардида, то кунун бисёр матлабҳои онҳо кӯҳна шудаанд ва аз ин рӯ мебояд бо таҳрири нав қабул гардида, дар бобати боз ҳам амиқгардонии ислоҳот, чуқур реша давондани иқтисоди бозаргонӣ нақши ба худ хосеро бозанд.

Ӯзбекистон барои узви Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо шудан тайёрии хуб мебинад. Ва он тақозо дорад, ки талабҳои пешгузоштаи ташкилоти мазкур аз қонунҳоямон сараввал ҷо пайдо карда, заминаи қонунгузориамонро дар ин бобат мустаҳкам карда, ба меъёру қоидаҳои байналхалқӣ ҳамоҳанг гардонад. Барои амалӣ гардидани ин мақсади бузург лоиҳаи қонунҳо «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Қонун «Дар бораи реклама» ва «Дар бораи усулиятҳо ва кафолатҳои озодии иттилоотӣ» таҳия гардидааст. Ва ба онҳо чуқуртар назар афканем, пай бурдан душвор нест, ки он идомаи мантиқии фаъолиятамон дар бораи пурра таъмин кардани озодии сухан дар ҳаёти ҷамъиятӣ, зарурати дар ин бобат ба даст овардани дараҷаву андозаҳои давлатҳои аз нигоҳи иқтисоди мутараққӣ мебошад. Аҳамияти онҳо дар бобати минбаъда озодкуниву демократиконии ҳаёти ҷамъиятӣ хеле калон аст. Лоиҳаи Қонун «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» «Дар бораи реклама» ҳам бо назардошти озодкунии ҳаёти ҷамъиятӣ таҳия гардидааст ва дар бобати ҳаллу фасли баъзе муаммоҳое нақши калон мебозад, ки алҳол ҷой доранду ба пешравии кор халал мерсонанду дар айни замон ба норозигии ҳаққонии шаҳрвандони мамлакатамон оварда расондааст. Ва он дар бобати бечуну чаро таъмин кардани иҷрои ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва қонунгузориҳо дар бораи фаъолияти мустақилонаи воситаҳои ахбори оммавӣ аҳамияти калон касб мекунад.

Лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» бо таҳриру наву қироати аввал, «Дар бораи донории хун ва ҷузъҳои он» низ аҳамияти калон доранд.

Дар иҷлосия ҳамчунин даровардани тағйироту иловаҳо ба як қатор санадҳои қонунгузорӣ, ратификатсия кардани созишномаву шартномаҳои байналхалқӣ, масъалаи ҷонишини Раиси Олий Маҷлис ҳам дар назар дошта шудаанд.

Алқисса, лоиҳаҳои қонунҳое, ки дар боло номбар кардем, масъалаҳои дигаре, ки вакилони халқ дар иҷлосияи нуҳӯми Олий Маҷлис даъвати дуюм мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, бо назардошти дигаргуниҳои ҷамъият таҳия гардидаанд ва дар бобати боз ҳам мустаҳкам кардани заминаи қонунгузории ҷамъият нақши калоне хоҳанд бозид.

**Э.ТУРДИҚУЛОВ.**

**Дар суратҳо:** лаҳзаҳо аз иҷлосияи гузаштаи Олий Маҷлис.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**

Олимҷон Назаров

*Зиндаёдҳо*

# Умри фурӯзон

## Ё худ чанд сухан аз хусуси олиме, ки дар рушди тафаккури ду халқ саҳми муносиб дорад.

Ҳангоми Президенти Акадмияи улум будани Султон Умаров шӯҳрати астрономияи Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ҳам паҳн шуд.

Султон Умаров бо назардошти он ки Тоҷикистон минтақаи табиӣ ва ба хусус заминларза мебошад, тадқиқотҳои сейсмологиро авҷ гиронд. Дар натиҷа барои пешгирии офатҳои табиӣ, бунёд намудани иншооти ба заминларза тобовар корҳои муҳими амалӣ ба иҷро ра-



**Дар сурат:** (аз рост ба чап) **Султон Умаров, Мирзо Турсунзода** ва дигарон. Душанбе солҳои 60-ум.

сиданд.

Истеъдоди бузурги ташкилотчигии ӯ соли 1964 ҳангоми дар сохтори Академияи улуми Тоҷикистон созмон додани се пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии нав—институтҳои физикаю техника, биофизика ва физиология, иқтисодиёт боз ҳам рӯшан зоҳир гардид. Яке аз ин пажӯҳишгоҳҳо— пажӯҳишгоҳи физикию техника ҳоли ҳозир сазоворона номи Султон Умаровро дорад. Дар ҳақиқат, олими шинохта хишти аввалини пойдевори маркази физикаи ҳозираи ҷумҳуриро ҳамон вақт гузошта буд. Дар пажӯҳишгоҳ баъдан оид ба соҳаҳои физикаи ядро, физикаи ҷисмҳои сахт, физикаи молекуляр ва хоссатан физикаи криогенӣ, ҳамчунон гелиотехника корҳои илмию тадқиқотӣ бурда шудаанд. Олимон дар 12 шӯъбаи илмии пажӯҳишгоҳ дар бобати инкишоф додани тидқиқотҳои ҷабҳаҳои физика ва техника, ҳамчунин дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҷорӣ сохтани натиҷаҳои онҳо кор бурдаанд. Пажӯҳишгоҳ оид ба тадқиқоти муаммоҳои физикаи нурҳои кайҳонӣ ва бисёр дигар соҳаҳо яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол кард. Танҳо як ҳамин даргоҳи илмию тадқиқотӣ ёдгори шоистаи хотираи аллома Султон Умаров аст.

Шоистаи эътибор он аст, ки дар байни арбобони машҳури соҳаҳои гуногуни илми Ӯзбекистон, академикҳо, ба хусус, дар байни олимони маъруфи соҳаи илми физика онҳое, ки бо ин олими бузург шахсан шинос будаанд, зиёданд. Аксарияти онҳо аз асарҳои ӯ оид ба физикаи оморӣ (статистикӣ) баҳра бурдаанд, баъзеашон дар интихоби роҳи бузурги илм аз ӯ маслаҳат ва ёрдам гирифтаанд, аз суҳбатҳояш самар бардоштаанд. Фаъолияти маънавӣ ва пеш аз ҳама рағбати амиқ ва самимӣ ба тамоми фаъолиятҳои илмӣ, ғамхории муттасили нисбати донишҷӯю унвонҷӯй ва муаллимон, дида тавонистани истиқболи онҳо, дастгирӣ намудани онону аз аҳволи моддиву маишиашон хабардор шудани ин донишманди нодир,- ки дар Ӯзбекистону Тоҷикистон мактаби аҷоибу илмиро ба вуҷуд овардааст, боиси он гардидааст, ки симои рӯшани Султон Умаров дар қалби шогирдон ва ҳамзамонони ӯ ба сифати соҳиби истеъдоди аҷиб ва инсони маданияташ баланд мӯҳр бандад.

**Аз суҳбат бо корманди калони илмии Пажӯҳишгоҳи физикаю техника, номзади улуми физикаю математика Ҳоҷиакбар Азимхӯҷаев, ки ҳангоми донишҷӯӣ дар Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна аз маърӯзаҳои Султон Умаров баҳра бардоштааст:**

—«Соли 1949 дар факултаи кимиёи донишгоҳ таҳсил доштам. Бинобар он ки нисбати фанни физика рағбатам зиёд буд, хоҳиш намудам, ки моро ба факултаи физикаю математика гузаронанд. Ба ин мурод танҳо баъд аз ба ин масъала шахсан даҳолат кардани ректори Донишгоҳ Султон Умаров расидам. Зеро дар масъалаи ҳаллу фасли муаммоҳои авлоди ҷавон он кас беэътибор набуданд, ба ҳама то ҷое, ки имкон доштанд, кӯмак мерасонданд.

Солҳои 1951-53 Султон Умаров ба мо аз фанни «Физикаи назариявӣ» дарс медоданд. Маърӯзаҳои эшон фаҳмо ва мӯҷаз буданд. Мафҳумҳои изофавӣ ва нофаҳмо дучор намешуданд. Бинобар он ки ба асоси математикаи пурқувват такя дорад, навад фоизи ин фан аз формулаҳо иборат аст. Аммо устод ба мо маънои физикавии ҳар як формулаи ҳосилшударо фаҳмонда медоданд. Бо вуҷуди бағоят душвор будани фанни физика, эшон тавонистанд, ки рағбати ҳар як донишҷӯро нисбати он бедор намоянд.

Дар факулта аз ибтидои соли саввуми таҳсил донишҷӯён ба кафедраҳои мухталиф тақсим мешаванд. Ба кафедраи «Физикаи назариявӣ», ки устод роҳбарӣ мекарданд, мебоист шаш нафар шомил гарданд. Аммо аксарияти донишҷӯёни соли саввум роҳбарияти факултаро ба ҳайрат гузошта, хоҳиши ба ин кафедра гузаштани худро изҳор доштанд. Зарур омад, ки онҳоро худи устод имтиҳон кунанд. То ҳол аз он ифтихор дорам, ки дар байни аз имтиҳон гузаштагон ман ҳам будам.

Соли 1953 моро баҳри таҷ-



**Дар сурат:** (аз чап ба рост) дар қатори якум **Султон Умаров, Садриддин Айнӣ** (сеюм), **Т.Қорӣ Ниёзӣ, Убай Орипов**; қатори дуюм **Ҷӯра Саидов, Иброҳим Мӯъминов, Содиқ Азимов** (чорум) ва дигарон. Самарқанд соли 1944.

рибаомӯзӣ ба пажӯҳишгоҳи физикаю техника фиристоданд ва ман боз ба шӯъбаи «Физикаи назариявӣ, ки С. Умаров роҳбарӣ мекард, шомил гардидам. Устод бо вуҷуди хеле банд будан бо ҳар як донишҷӯ худашон машғул мешуданд, вазифаи бисёре медоданд, иҷрои онро бо сахтгирии хоси худ месанҷиданд, камбудиҳояшонро нишон медоданд ва барои ба роҳи дуруст рафтани ҳар кадоми мо ҷон мекоҳониданд...»

...Дар қабулхонаи Донишгоҳ ду ҷавон, ки яке миёнқаду гандумранг, дигар қаддарозу сиёҳчурда буд, интизор буданд. Бо вуҷуди он ки рӯз гашт дошту котиба «Муаллим дигар касеро қабул намекунанд, ба маҷлис равонаанд» гуфта онҳоро огоҳ карда буд, он ду нафар пинаки худро вайрон намекарданд.

Ногоҳ дар кушода шуду ректор ва боз як шахси айнакӣ берун омаданд.

—Ассалому алайкум,— гуфтанд ҷавонон аз ҷо бархоста.

—Воалайкум ассалом,— ҷавоби салом кард ректор ва ба котиба рӯ овард.—Чаро дар ин бевақтӣ онҳо интизор нишастаанд.

### Очерки илмӣ

Котиба ба ҷавоб гуфтан фурсат наёфт.

—Муаллим, узр, мо аз Бухоро омадем, қабул мекардед, гуфтании зарур дорем,— даҳон кушод ҷавони қоматбаланд.

—Э, ҳамин тавр гӯед? Канӣ гардед-чӣ. Чаҳор каса боз ба хонаи ректор даромаданд.

—Хӯш-ш, чӣ гапи зарур доред?—пурсид ректор.

Нигоҳҳои санҷашкорона ва ҷашмони тезбини ректори мӯйҳои фарқи сараш рехта ва серабрӯ ҷавононро каме саросема карданд.

Охирон ҷавони қоматбаланди логарандом каме ба худ омада оҳиста ҷавоб дод.

—Мо соли саввуми факултаи забон ва адабиёти ӯзбеки донишкадаи давлатии омӯзгории Бухороро бо баҳоҳои аъло хатм намудем. Акнун мехоҳем таҳсилро дар Донишгоҳ идома диҳем. Лекин фарқи имтиҳонҳо 8-то будааст. Ба мо ин фарқро супорида наметавонед гуфта, рухсат надода истодаанд.

—Ростӣ,— гапҳоятон хеле зарур будааст, савод гирифтан аз ҳама чиз муҳим, ба хусус аъло хондан,—гуфт ректор ва пасон ба шахси айнакдори дар паҳлӯяш истода нигариста—шумо чӣ мегӯед Абдураҳмон Ҳамроевич?—гуфт.

—Соли таҳсил аллакай оғоз ёфт, ба супоридани ин фарқ оё фурсат меёбанд?—ҷавоб дод вай.

—Шабу рӯз хонда месупорем,— ба суҳбат ҳамроҳ шуд, ҷавони миёнқади табиатан шармгин рӯҳ гирифта.

Шуҷоат ва ташнагии нисбати илм доштаи ҷавонон ба ректори серталаб, ки онҳоро аз таҳи чашм назорат менамуд, шояд писанд афтод, ки ӯ каме нарм шуд ва ба аризаи донишҷӯён имзо гузошт. Сипас ба онҳо нигариста гуфт:

—Бовар дорам, ки хуб мехонеду дар оянда инсонҳои неки замон мегардед!..

...Он ду нафар ҷавоне, ки аз имтиҳони бузурги ректори Донишгоҳ Султон Умаров бомуваффақият гузашта, болу пари умед ёфта берун омаданду баъдан ҳам аз эътибори ӯ берун намонданд, воқеъан низ одамони асили ҷамъият, рӯзноманигори забардаст, нависандаи тавоно шуда ба воя расиданд. Яке аз онҳо Саъдулло Кароматов буд, ки дар ибтидо ба рӯзномаи бо нуфузи ҷумҳурӣ дар вазифаҳои масъул кор кард ва баъд ба рӯзномаи «Тошкент оқшоми» («Шоми Тошканд»)—«Вечерний Тошкент», ки пас аз заминларзаи шадид соли 1966 таъсис ёфта буд, муддати шонздаҳ сол сармуҳаррирӣ намуд. Баъдан котиби Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон гардид. Романҳои «Реги заррин», «Пуштаи охирин», қиссаи «Эътиқод», очеркҳои зиёдеро навишта маҳбуби дӯстдорони адабиёт шуд. Асарҳои арзишманди адабиёти хориҷаро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кард. Ба сифати инсони нек, ташкилотчии моҳир ва устоди забардаст шӯҳрат ёфт ва аз худ номи нек гузошт.

Ҷавони дигар—Йӯлдош Муқимов бошад, аввал дар рӯзномаи «Бухоро ҳақиқати» сарварӣ намуд, сипас дар тӯли бисту панҷ сол хабарнигори хоссаи рӯзномаи «Правда» дар Ӯзбекистон буд, ба сифати очеркнависи чирадаст шӯҳравар шуд. Дар охири солҳои 80-ум дар асоси ривоятҳои халқӣ китоби «Ҳикояти наврӯз»-ро офарид. Шеърҳои «Ӯзбекистон муштарак», «Ёру бародар бошем», «Ҳилолия»,«Турнаҳои Тӯрон»-ро навишт, ки ҳамчун суруд аз ҷониби ҳунармандон тараннум мешаванд. Пъесаҳои «Ҳақ рост» («Имом-ал-Бухорӣ»), «Машъали ҷовидон» («Авесто»), «Спитамен»-и ӯ дар театрҳои пойтахт ва вилоят бомуваффақият гузошта мешаванд. Ҳоло ин эҷодкор дар арафаи ба анҷом расондани китоби нави худ «Ҳазор марҷон» аст...

**Аз суҳбат бо ҳамсари С. Умаров Сокина Наҷмиддиновна Умарова:**

«Султон Умаров аслан физик бошанд ҳам, аз илмҳои шарқшиносӣ, фалсафа, торих воқиф буданд. Театр, мусиқа, адабиёту санъат низ дар ҳаёти эшон мавқеъи муҳим доштанд. Он кас дар маҳфили адабиёти Фитрат фаъол иштирок мекарданд, аз шогирдони боиқтидори он кас буданд. Драмаи мазҳакавиашон бо номи «Ӯлмас» («Ҷовидон») ба саҳна гузошта шуда соҳиби ҷоиза гардида буд.

Акаи Султон бо оҳангсози номӣ, шодравон Мутал Бурҳонов, ки оҳанги суруди миллии Ӯзбекистонро офаридааст, низ ҳамкории эҷодӣ доштанд. Ба суруди «Қалдирғоч»—(«Парасту»)-и он кас М. Бурҳонов оҳанг баста буданд, онро сарояндаи хушовоз Назира Аҳмадова месуруданд. Ин суруд то имрӯз аҳён-аҳён аз радио садо медиҳад.

Хонадони мо аз қудуми дӯстон пурфайз буд. Ғайр аз аҳли илм адибон Ғафур Ғулом, Абдулло Қаҳҳор, Уйғун, устодони санъат олимон, драматургон Маннон Уйғур ва Соро Эшонтӯраева, Музайяна ва Марфуа Алавия, арбобони давлатӣ Тӯхтамурод Султонов ва М. Мирзоаҳмедов, ҳамчунин Карим Зокиров ва аҳли оилаи ӯ, Мукаррама Турғунбоева, Тамарахонум, Ҳалима Носирова, Саодат Қобулова, Мухтор Ашрафӣ, Мутал Бурҳонов ва боз бисёр дигар ҳунармандон дӯстони ҳақиқии хонаводаи мо буданд. Султон Умаровро ба сифати донишманди санъати театр ба машқи асарҳои саҳнавӣ ва озмунҳо зуд-зуд даъват менамуданд. Режиссёр ва таҳиягарони асарҳои саҳнавӣ маслаҳат ва фикру мулоҳизаҳои он касро басо қадр мекарданд. Актёроне, ки дар машқгоҳ иштирок доштани Султонакаро медонистанд нақшҳои худро бо рӯҳбаландии бузург ва нерӯи тоза иҷро менамуданд.

«Олим шудан кам, инсони ҳақиқӣ шудан даркор». Ин шиори зиндагии Султон Умаров буд. Он кас дар давоми тамоми ҳаёту фаъолияти худ ба ин нукта амал карданд. Аз қисмати хеш, ки маро бо чунин инсон рӯбарӯ кардааст, миннатдорам, корҳои он касро фарзандҳоямон идома медиҳанд. Шукри худо, ки момокалони ҳашт нафар набера ва ҳафт нафар абера ҳастам. Писари калониамон Бахтиёрҷон доктори улуми физикаю математика, профессор аст. Писари хурдӣ— Баҳодурҷон физики ихтироъкор мебошад. Духтарамон—Барнохон мутахассиси забонҳои бостони Аврупо, олимаи забоншинос, номзади улуми филология, дотсенти Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон аст».

Воқеъан Султон Умаров бинобар инсони аз ҳар ҷиҳат комил, олими тавоно, шахси покдоману кушодадил ва бар замми он роҳбари хуб буданаш, на фақат бо аҳли илму маърифат, балки бо аҳли қалам, арбобони давлату фарҳанг, муаррихон, иқтисоддонҳо ва сиёсатшиносон забон меёфт, онҳоро сарҷаъму ҳамраъй карда метавонист.

С. Умаров барои хизматҳои бузургаш дар соҳаҳои илму маърифат, роҳбарӣ ва ташкилотчигӣ бо ордену медалҳои дараҷаҳои гуногун мукофотонида шудааст, ӯ соҳиби унвони арбоби илм буд, борҳо намояндаи халқ интихоб гардидааст. Вай ба сифати фарзанди халқҳои ӯзбеку тоҷик ба ҳар ду кишвар баробар хизмат кард, манфаатҳои муштараки ин ду халқи хешу пайванд ва дӯсту бародарро ҳифз намуд, суннатҳои азаливу абадии онҳоро ҳимоя кард, тамоми нерӯи худ, ҷони хешро ба истиқбол ва истиқлоли Ӯзбекистон ва Тоҷикистон бахшид.

Бинобар ин ҳам дар дили онҳое, ки Султон Умаровро шахсан мешинохтанд, симои ин арбоби давлат, ҷонфидои илм, олими закӣ ва инсони сирату сураташ зебо, ки барои халқу диёраш умри фурӯзон дошт, амиқ мақом гузидааст.

Хеле бамаврид аст, зикр намоем, ки соли 1978 дар Тошканд ҷилди аввали осори чаҳорҷилдаи ӯ нашр шуда буд. Ҷилдҳои дигар ба чоп нарасида монданд. Интишор сохтани онҳо ва ба мақсади абадӣ гардондани хотираи донишманд ба яке аз масканҳои илму фан ва фарҳангӣ додани номи вай айни муддаост.

Тезонидани инкишофи илму техника, хизмати онро дар таҳкими истиқлол, дар ҳамҷамъияти ҷаҳон мавқеи муносиб пайдо кардани кишвар аз вазифаҳои муҳиму бузург ба шумор мераванд. Табиист, ки ҳаёту фаъолияти Султон Умаров ба олимони ҷабҳаҳои гуногун, ба хусус, барои ҷавонон дар роҳи ҷӯстуҷӯҳои илмӣ ва кашфиётҳо намунаи ибрат ва чашмаи илҳомбахш аст.

# Словакия: соли 1944

Аз 29 август то 27 октябри соли 1944 исёни миллии мардуми Словакия дар тақдири Урупо ҳангоми озод кардани он аз фашизми Олмон нақши муҳим надошт, аммо он дар муқобили ин вабои башарият муқовимати озодипарастон ва душманони фашизм маҳсуб мегардад.

Ҳоло аз он воқеа 58 сол сипарӣ гардидааст, аммо ин сана барои мардуми мамлакат аз саҳифаҳои фаромӯшнопазири таърихи худ мебошад, ки дар муқобили исёнгарони озодихоҳ 48 ҳазор сарбозони «Эс-Эс» ва Вермахт барои пахш кардани исёни мардум ширкат намуданд. Дар он дар сафи 60 ҳазор сарбозони артиши Чехословакия 18 ҳазор партизанҳои маҳаллӣ мубориза бурдаанд.

Сафири Словакия дар Ӯзбекистон Петер Юза дар ин нишаст аз хусуси чунин таърихи ошӯби миллӣ нақл намуда, зикр кард, ки он барои юриши музаффаронаи артиши шӯравӣ ба Ғарб, ба сӯи лонаи фашизм ҷодаи хуброро боз намуд.

Дар ин ошӯб намояндагони 30 мамлакат ширкат намудаанд, ки аз ҷумла аз Ӯзбекистон чанд нафар дар ин сарзамин қурбон гаштаанд.

Фашистон тавонистанд онро хомӯш кунанд ва беш аз 50 ҳазор асирро ҳабс карда, бештар аз 90 макони аҳолинишинро сӯхтанд. Зиёда аз панҷ ҳазор дар қабристони бародарӣ дафн гаштаанд. Панҷоҳ ҳазори дигарро дар печҳои шаҳри Неметско сӯзондаанд.

**Т.ИКРОМОВ.**

# Умедҳои барбодрафта

Чӣ арзе доштӣ бар маҷлиси ҳастӣ,
Ки гирён омадиву безабон рафтӣ!

Модар офаридгор, модар сарчашмаи меҳр, модар ибтидои ҳама ибтидоҳо...

То вуҷуди кӯчаке ба дунё ояд, чӣ азобҳоеро ба дӯши худ мегирад ӯ. Бо бетоқатиҳо нӯҳ моҳ интизорӣ мекашад. Агар интизори духтар бошад, куртачаҳои зебои духтаронаро дида, дилаш ширин-ширин метапад. Интизори писар бошад, либосҳои писаронаро дар бари зурриёти кӯчаки худ тасаввур намуда, дилаш аз фараҳ лабрез мегардад.

Пас аз интизориҳо ба орзу расидан чӣ хушбахтии бузургест. Чунин хушбахтиро фақат модаре эҳсос мекунад, ки кӯдаки навзодро ба бағал гирифтааст. Оре, бӯи биҳиштиеро, ки аз кӯдаки навзод меояд, аз ягон мавҷуди дигари дунё наметавон шамид.

Вале гоҳе атола дандон мешиканад. Дар айни ба дунё омадани кӯдак дарде модарро аз по меафтонад. Муборизаи барои ҳаёт оғоз меёбад.

Дар чунин маврид бисёр вақт бо сабаби «ҳаёти модарро нигоҳ доштем» чӣ қадар кӯдакон ба он дунё реҳлат мекунанд. Чӣ аламовар аст, ки модар умеде дошту ноумед шуд. Чӣ дардовар аст, ки вуҷуде ба дунёи ҳастӣ ба умед омаду сухане нагуфта, қадамашро ба замин нагузошта ин дунёро тарк намуд. Аҳволи модари зорро оё дар ин лаҳза тасаввур мекунед?!

Илоҳо, модаронро аз чунин рӯзҳо нигаҳбон бош!

**Ҳакимова ҚУРБОНОЙ,**
**муаллимаи мактаби рақами 10-уми ноҳияи Бойсун.**

